# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Расул Ҳодизода аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқоне ба шумор меравад, ки масъалаҳои марбут ба фаъолияти илмии устод Айниро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор додааст. Аз даҳаи шастуми асри XX сар карда, дар баробари корҳои таҳқиқотӣ, ба эҷоди осори бадеӣ низ рӯ овардааст. Дар натиҷа, маҷмуи асарҳои насрӣ, аз қабили ҳикояҳо, қиссаҳо ва романҳои ӯ ба вуҷуд омадаанд, ки нақши назарраси вайро дар рушди насри муосири тоҷик инъикос менамоянд.

Муҳаққиқи ҷавон дар диссертатсия таҳқиқи монографии аҳволу осор ва фаъолияти илмию адабии муҳаққиқ ва нависанда Расул Ҳодизодаро ҳадафи асосии худ қарор дода, ба ин васила нақш ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи афкори илмӣ ва бадеии тоҷик муайян намудааст.

Навгониҳои таҳқиқоти Аҳмадзода К.Н. аз он иборат аст, ки бори аввал дар диссертатсия таҳқиқи ҳаматарафаи аҳволу осор ва ҷустуҷӯҳои илмию бадеӣ, зиндагинома ва муҳимтарин воқеиятҳои рӯзгор,фаъолияти илмӣ, инкишофи илми замони шуравӣ, хусусиятҳои мундариҷавию бадеии осори гузаштагон дар осори муҳаққиқ ва нависанда Расул Ҳодизода мушаххас ва таъйин карда шудаанд.

Муҳаққиқ дар асоси маводҳои омӯхташуда, паҳлуҳои гуногуни мавзуъро дар асоси осори адабиётшиносии Расул Ҳодизода ва насри таърихии ӯ қарор додаст. Инчунин ба осори илмӣ ва адабии олимону адибони дигаре, ки ба масъалаҳои ҳалталаби кори диссертатсионӣ иртибот доштаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Диссертатсияи Аҳмадзода К.Н аз муқаддима, се боб (6 фасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаи чопи компютериро ташкил намудааст.

Арзишҳои амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаҳои пажуҳишро ҳангоми таълифи таърихи адабиёти гузашта ва навини тоҷикӣ, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёт, суханрониҳо аз боби масъалаҳои адабиёти классикӣ ва насри муосир дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ метавон истифода кард.

Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи муҳаққиқ дар илми адабиётшиносии тоҷик барои таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд дар инкишофи адабиётшиносӣ, нақди адабӣ ва насри бадеии муосири тоҷик, манбаъшиносӣ, робитаҳои адабӣ, тасвири воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни таърихӣ ва ғайра, ки дар 13 банд ҷамъбаст гардидаанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Аҳмадзода К.Н «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», яке аз мавзуъҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, таҳқиқоти муҳаққиқро кори ба анҷомрасида ҳисобидан мумкин аст. Хулосаҳои муаллиф асоси илмӣ дошта, мундариҷаи бобҳои рисоларо дар бар гирифтааст. Бинобар он автореферати Аҳмадзода К.Н «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», кори ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи рисолаҳои номзадии Комиссияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертант лоиқи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)мебошад.

Тақриздиҳанда:номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Дустов Комилҷон Авлокулович

Нишонӣ: 7340025, Тоҷикистон,ш. Душанбе,
Кӯчаи. Франко 9/2, кв. 3.
Тел (моб):+992 (93-582-73-03)
Э-почта: komil.dustov.1964@mail.ru

Имзои К.А. Дӯстовро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А. Х.

Нишонӣ 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе.
Хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел (корӣ):+992 (2247207).

03.08.02026